**Ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои таълимии 7, утоқи 220**

***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати рисолаи номзадии Бобиев Исмоил Атоевич дар мавзӯи «Ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетика» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор***

Дар шароити кунунии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ яке аз масъалаҳои актуалии рушди низоми идоракунии ширкатҳои саноати энергетика дониста мешавад. Новобаста ба ислоҳоти низоми ҳисобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳанӯз баъзе аз масъалаҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментии соҳаҳои алоҳида, аз ҷумла ширкатҳои саноати энергетика омӯхта нашудааст. Нуқтаҳои зикршуда актуалӣ будани таҳқиқоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментиро дар ширкатҳои саноати энергетика нишон медиҳанд.

Нисбат ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот муаллиф қайд менамояд, ки модернизатсияи низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди фаъолияти аксарияти субъектҳои хоҷагидории соҳа ва хусусиятҳои идоракунии онҳо талабот ба иттилооти дақиқу боэътимодро ба вуҷуд меоранд. Ташаккули низоми иттилоотии боэътимод оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагии зерсохторҳои як ширкати бузург дар доираи низомҳои муосир ва мукаммали баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботи сегментӣ бунёд мегардад.

Муҳаққиқ дар банди якуми навгонии таҳқиқот аз натиҷаи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии сегментии холдингҳои муттаҳидшудаи энергетикӣ таърифҳои муаллифиро оиди «сегмент», «зерсохтор», «бахш», «сегменти холдинги энергетикӣ», «иттилоот аз рӯи сегментҳо», «сегменти ҳисоботӣ», «ҳисоботи сегментии беруна», «ҳисоботи сегментии дохилӣ», «ҳисоботи муттаҳидкардашуда» таҳия намуда, асосҳои консептуалии ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментиро дар ширкати корпоративии энергетикӣ муайян кардааст, ки шоёни таҳсин аст. Инчунин дигар

қисматҳои навгонӣ натиҷаи таҳқиқотро дар бар гирифта, ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташударо таъмин менамоянд.

Дар автореферати диссертатсия (саҳ.12) муаллиф истифодаи маҳакҳои ҷудо кардани сегментҳои ҳисоботӣ дар ширкатҳои бузург ро барои холдингҳои бузурги саноатӣ тибқи талаботи СБҲМ 8 – "Ҳисоботи сегментӣ" мувофиқи мақсад медонад. Маҳакҳои зикршуда инҳо мебошанд: 1) даромади амалиётии сегмент ҳам аз мизоҷони беруна ва ҳам аз дигар сегментҳо баробар ба 10% ва зиёдтар аз маблағи фурӯши умумии тамоми холдингро ташкил диҳад; ё 2) фоида (зарар)-и ҳисоботии сегмент бо бузургии мутлақ 10% ё зиёдтар аз фоида (зарар)-и ҳамаи сегментҳои гурӯҳро ташкил диҳад; ё 3) дороиҳои сегмент аз маблағи умумии дороиҳои ҳамаи зерсохторҳои гурӯҳ 10% ё зиёдтар аз онро ташкил диҳад.

Дар расми 3 (саҳ.14) сохтори ташкилии хадамоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҶСКХ «Барқи тоҷик» оварда шудааст. Муаллиф самаранокии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментиро дар ҶСХК "Барқи тоҷик" аз сохтори ташкилӣ ва ҳайати кормандоне, ки фаъолияти ин низомро пеш мебаранд, вобаста медонад. Хусусияти хоси сохтори таҳияшудаи хадамоти баҳисобгирӣ дар он ифода меёбад, ки дар ҳар як сегменти сатҳи дуюм (марказҳои масрафот ва фоида) шуъбачаҳои баҳисобгирии марказҳои масъулият (БММ) фаъолият мекунанд.

Дар матни автореферат дигар нуктаҳои муҳим, ки ҳалли вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо таъмин менамоянд, дар шакли маълумоти таҳлилӣ, расму ҷадвалҳо ҷой дода шудаанд.

Ғайр аз ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат баъзе аз норасоиҳо низ ҷой доранд, ки муҳимтарини онҳоро пешниҳод менамоем:

1.Ҷадвали 2, ки феҳристи марказҳои ҷузъии хароҷот (сатҳи 3-юм) аз рӯи марказҳои асосии хароҷот (сатҳи 2-юм) дар ҶСКХ «Барқи тоҷик» (мухтасаркардашуда) унвон гирифтааст, дар сатҳи лозимӣ шарҳу тавзеҳ дода нашудааст;

2.Хуб мешуд, агар автореферат роҳҳои мукаммалгардонии баҳисобгирӣ ва ҳисобот аз рӯи сегментҳои фаъолият дар низоми идоракунии ширкатҳои энергетикиро, ки аз ҷониби муаллиф коркард шудаанд, ба пуррагӣ фарогир мебуд.

Эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқотро кам карда наметавонанд. Бинобар ин, диссертатсияи Бобиев Исмоил Атоевич дар мавзӯи «Ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетика» (дар мисоли

Ҷумҳурии Тоҷикистон) мантиқан кори илмии бaанҷомрасида дониста шуда, он ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгуй аст.

Мақолаҳои нашркардаи муаллиф низ ба самти кори илмии анҷомдодашуда мувофиқ мебошанд ва И.А.Бобиев сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор мебошад.

**Мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибии донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., дотсент** **Маъдиев С.**

**Имзои Маъдиев С.-ро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Раҷабов Б.С.**